# ПРОТОКОЛИ №19

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-071-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

аз 10-уми июни соли 2026 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 11 нафар

**Раиси шуро:** доктори илмҳои химия, профессор Бандаев Сироҷиддин Гадоевич.

Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми майи соли 2023, таҳти №95/шд тасдиқ шудааст, 11 нафар иштирок доранд.

Оид ба кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳод доред?

Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе ҷонибдори он бошад, ки кори Шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Тарафдорон 11 нафар. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

1. Ба экспертизаи аввалия қабул намудани диссертатсияи Назарзода Абдузоир Жуманазар дар мавзуи «Методикаи баланд бардоштани сифати дониши хонандагон аз фанни химия бо ёрии маводҳои дидактикии ёрирасон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.4. Назария ва методикаи таълиму тарбия (5.3.4.4. Назария ва методикаи таълими химия (таҳсилоти миёнаи умумӣ)).

**Баромад намуданд:**

Раиси шурои диссертатсионӣ Бандаев С.Г. - доктори илмҳои химия, профессор дар бораи пешниҳод гардидани ариза ва хулосаи тасдиқшудаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» бо протоколи маҷлис дар бораи баррасии диссертатсияи номзадии Назарзода Абдузоир Жуманазар дар мавзуи «Методикаи баланд бардоштани сифати дониши хонандагон аз фанни химия бо ёрии маводҳои дидактикии ёрирасон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.4. Назария ва методикаи таълиму тарбия (5.3.4.4. Назария ва методикаи таълими химия (таҳсилоти миёнаи умумӣ)), ки дар кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии ҳамин Донишгоҳ фаъолият менамояд, маълумот дод.

Қайд гардид, ки диссертатсия ба ихтисосҳо ва соҳаи илме, ки аз рӯйи онҳо ба Шуро ҳуқуқи гузаронидани ҳимоя дода шудааст, мутобиқат менамояд.

Баъд аз ин сухан ба котиби илмии Шуро номзади илмҳои педагогӣ Алимов Сироҷиддин Шералиевич дода шуд, ки оид ба ҳуҷҷатҳои пешниҳодшудаи унвонҷӯ Назарзода Абдузоир Жуманазар ба Шуро маълумоти мухтасар диҳад.

Дар баромади худ котиби илмии Шуро Алимов С.Ш. қайд сохт, ки довталаб Назарзода Абдузоир Жуманазар ба аризаи худ як қатор санаду ҳуҷҷатҳои лозима, аз он ҷумла мактуби ҳамроҳ аз номи ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба номи ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, дастнависи автореферат ва диссертатсия, варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо аз ҷойи кор, тавсифнома, нусхаи шиноснома, нусхаи ба таври нотариалӣ тасдиқшудаи дипломи таҳсилоти олии касбӣ, маълумотномаи гузаштани зинаи унвонҷӯӣ, нусхаи асли шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои минимуми номзадӣ, нусхаи интишорот вобаста ба мавзуи диссертатсия, тақризи роҳбари илмӣ вобаста ба таҳқиқоти диссертатсионӣ, хулосаи тасдиқшудаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» бо протоколи маҷлис дар бораи баррасии диссертатсия ва ғайраҳоро замима гардонидааст, ки ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва банди 57 Низомномаи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд. Мухтавои асосии ҳуҷҷатҳои пешниҳодшударо ба аъзоёни Шуро шинос намуд.

Бандаев С.Г. - раиси шурои диссертатсионӣ баромад намуда, аъзоёни Шуроро бо хулосаи тасдиқшудаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ва бо протоколи маҷлис доир ба диссертатсияи номзадии Назарзода Абдузоир Жуманазар дар мавзуи «Методикаи баланд бардоштани сифати дониши хонандагон аз фанни химия бо ёрии маводҳои дидактикии ёрирасон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.4. Назария ва методикаи таълиму тарбия (5.3.4.4. Назария ва методикаи таълими химия (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) шинос намуд. Дар онҳо омадааст, ки диссертатсия мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифта, пешниҳод карда мешавад, ки таҳқиқоти мазкур ба талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯ аст ва онро барои муайян намудани комиссияи экпертӣ тавсия менамоянд. Хулосаи пешниҳодгардида замима мегардад.

Бандаев С.Г. - раиси шурои диссертатсионӣ ба аъзоён рӯй оварда қайд намуд, ки вобаста ба таъин намудани аъзоёни комиссияи экспертӣ чӣ гуна таклиф ва пешниҳодҳо ҳастанд?

Мирзораҳимзода А.К. - доктори илмҳои биология, дотсент: муҳтарам аъзоёни шурои диссертатсионӣ ба ақидаи ман ба ҳайати комиссияи экспертӣ, доктори илмҳои химия, профессор Раҷабов Умаралӣ ворид карда шавад, хело хуб мегардад.

Раҷабзода С.И. - доктори илмҳои химия, профессор: ман пешниҳод менамоям, ки ба ҳайати комиссияи экспертӣ номзади илмҳои химия, дотсент Муродзода Диловар Сайфулло дохил карда шавад.

Баротзода К.А. - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент: устодони азиз, дар ҳайати комиссияи экспертӣ номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи методикаи таълими химияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Файзуллоева Мукаррама Маҳмудҷоновнаро, ки мутахассиси ҳамин соҳа мебошанд, дохил намоем, беҳтар аст.

Бандаев С.Г. - раиси шурои диссертатсионӣ қайд сохт, ки агар дигар таклифу пешниҳодҳо набошад, пас вобаста ба он ки ҳамин 3 нафар шахсони пешниҳодгардида ба ҳайати комиссияи экспертӣ дохил карда шаванд, онро ба овоз мемонем.

Тарафдорон – 11 нафар. Зид – нест. Бетараф – нест.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» бо протоколи маҷлис оид ба диссертатсияи Назарзода Абдузоир Жуманазар дар мавзуи «Методикаи баланд бардоштани сифати дониши хонандагон аз фанни химия бо ёрии маводҳои дидактикии ёрирасон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.4. Назария ва методикаи таълиму тарбия (5.3.4.4. Назария ва методикаи таълими химия (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) - ро шунида, баррасӣ намуд.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи номзадии Назарзода Абдузоир Жуманазар дар мавзуи «Методикаи баланд бардоштани сифати дониши хонандагон аз фанни химия бо ёрии маводҳои дидактикии ёрирасон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.4. Назария ва методикаи таълиму тарбия (5.3.4.4. Назария ва методикаи таълими химия (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин тасдиқ карда шавад:
– доктори илмҳои химия, профессор Раҷабов У. – раиси комиссия;
– номзади илмҳои химия, дотсент Муродзода Д.С. – аъзо;
– номзади илмҳои педагогӣ Файзуллоева М.М. – аъзо.

3. Ба комиссияи экспертӣ супорида шавад, ки дар муҳлати муайяншуда хулосаи комиссияи экспертиро ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод намояд.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдорон – 11 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои химия, профессор Бандаев С.Г.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ Алимов С.Ш.